**РОҲБАРИ**
**ДАСТГОҲИ ИҶРОИЯИ ПРЕЗИДЕНТИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**РУКОВОДИТЕЛЬ**
**ИСПОЛНИТЕЛЬНОГО АППАРАТА ПРЕЗИДЕНТА**
**РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

Розигӣ дода мешавад.

**Комиссияи олии аттестатсионӣ**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Барои корбарӣ.

Ба Сафарзода А.
Ғанизода Ш.

**РАҲМОН ОЗОДА ЭМОМАЛӢ**

№26/10-180
«18» 05 2023

# ДАСТГОҲИ ИҶРОИЯИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
## РАЁСАТИ МАОРИФ, ФАРҲАНГ ВА ИТТИЛООТ

734023, Душанбе, Рӯдакӣ 80, тел: (99237) 221-55-68; 221-36-29; факс: 227-38-02; e-mail: ilm@dip.tj

№ 26/10-180 аз 18.05.23
Ба ____________ аз ____________

Ба Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Раҳмон Озода Эмомалӣ

Муҳтарам Раҳмон Озода Эмомалӣ,

Раёсат тибқи супориши Шумо аз 18 майи соли 2023 аризаи мудири бахши раёсати робитаҳои хориҷии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Нигор Абдуғаффорро ҷиҳати гирифтани розигии Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ҳимояи рисолаи номзадӣ мавриди баррасӣ қарор дод.

Тавре маълум аст, гирифтани розигӣ оид ба фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ тибқи Тартиби додани розигӣ ба шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ ва хизмати давлатӣ барои таълиф ва ҳимояи диссертатсия, ки бо Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 августи соли 2021 тасдиқ шудааст, ба роҳ монда мешавад. Мувофиқи банди 8 боби 4 Тартиби мазкур шахсони мансабдори давлатии хизмати давлатӣ, ки мансабҳои маъмурии хизмати давлатии категорияҳои якум–чорумро дар Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ишғол мекунанд, барои таълифу ҳимояи диссертатсия аз Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ мегиранд.

Дар робита ба ин, иҷозати ҳимояи рисолаи номзадии анҷомдодаи Нигор Абдуғаффор дар Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба қонунгузории амалкунанда мухолифат надорад.

Вобаста ба муроҷиати мазкур, эҳтиромона дастуру роҳнамоии Шуморо хоҳишмандем.

Бо эҳтиром,
сардор раёсат — Сафарзода А.